# ТАВСИЯҲО БАРОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ТАҶҲИЗОТИ МОБИЛӢ

## 1. Масдуд кардани (блокировка) дастгоҳи мобилӣ

a. Дар телефони ҳамроҳ калидвожаҳоро насб намоед. Рамзи графикӣ ва рақамӣ на ҳамеша метавонанд Шуморо ҳимоя кунанд.

b. Агар дастгоҳи Шумо имкони масдудсозии биометрӣ дорад, барои ҳифозат аз масдудсозии дусатҳӣ, таври мисол, аз рамз ва масдудсозии биометрӣ истифода баред.

c. Танҳо дар сурати зарурат аломатҳои интиқоли додаҳо ва ташхиси маконро дар таҷҳизот фаъол намоед, дар бештари ҳолат қатъи ин ду хизматрасонӣ беҳтар аст.

d. Дар ҳолати вуруд ба биноҳои маъмурӣ агар аз Шумо хоҳиши супурдани телефони ҳамроҳро кунанд, фавран кӯшиш намоед, ки хотира (флешкорт) ва батареяро аз он бигиред.

e. Дар телефонатон барномаеро насб кунед, ки ҳангоми кӯшиши кушодани рамз, таҷҳизот акси “бадхоҳон”-ро бигирад.



## 2. Ҳифзи маълумот дар дастгоҳи мобилӣ

a. Барои ҳифзи иттилоот фақат аз папкаҳои ҳимояшаванда истифода баред, ё замимаҳоеро насб намоед, ки имкони рамзгузорӣ ба папкаро фароҳам меоранд.

b. Агар мехоҳед, ки иттилоот ҳассоси шумо дар оянда дар шабакаи Интернет нашр нашавад ва ё ба дасти бегона нарасад, маълумотро дар шакли рақамӣ нигоҳ надоред.

c. Иттилооти хидматиро бе зарурат дар телефони ҳамроҳи худ нигоҳ надоред, ва агар ба он сахт эҳтиёҷ доштед, пас аз ҳалли мушкил онро аз хотираи таҷҳизот пок намоед.

d. Иттилооти таҷҳизоти мобилиро ҳамзамон бо компютер ҳамоҳанг намоед ва ё нусхаи иловагии маълумотро дар хориҷ аз дастгоҳи мобилӣ (мисол, дар флешкорту хадамоти абрӣ ба мисли ICloud, Samsung Cloud, OneDrive ва ғайра) нигоҳ доред.



## 3. Амнияти барномаҳо дар дастгоҳи мобилӣ

a. Дар телефони ҳамроҳ танҳо барномаҳоеро насб кунед, ки ба он зарурати бештар доред. Агар компютер дошта бошед, пас ҳеҷ зарурияти ҳамеша дар интернет (онлайн) бо телефон қарор доштан вуҷуд надорад. Агар имконияти истифодаи чанд замима (мисол, Skype, FB Messenger, MAgent ва ғайра)-ро дар компютератон доред, кӯшиш намоед, ки онҳоро дар таҷҳизоти мобилиатон насб насозед.

b. Ба хотири ҳифзи додаҳо ва мукотибаҳоятон барои воридшавӣ ба ҳар як паёмрасон гузарвожаи алоҳида муқаррар намоед.

c. Барномаҳоро аз сарчашмаҳои машкуку номаълум насб накунед. Ҳамчунин, аз насби замимаҳое худдорӣ кунед, ки иҷозати дастрасӣ ёфтанро ба додаҳои инфиродӣ ва маълумоти шахсии Шуморо дархост менамоянд.

## 4. Ҳифзи маълумоти корбарӣ (аккаунт) ва амнияти муошират дар дастгоҳи мобилӣ

a. Ҳангоми насби паёмрасонҳо дар дастгоҳи мобайлӣ танзимотро тағйир диҳед ва инъикос шудани паёмҳо (смс, viber, whatsapp)- ро дар экран пинҳон кунед.

b. Барои ворид шудан ба сафҳаи корбарӣ ва вуруд ба замимаҳо танҳо аз як калидвожа истифода набаред.

c. Дар сурати зарурати касбӣ барномаҳоеро насб кунед, ки гуфтугӯи телефонии шуморо сабт намоянд. Агар ба гӯш кардани сабт ниёз надошта бошед, онҳоро аз хотираи таҷҳизот пок кунед.

d. Агар занги воридотии байналмилалиро дидеду он ба Шумо ошно нест, бо он тамос нагиред.



ИНСТИТУТИ «ҶАМЪИЯТИ КУШОДА» БУНЁДИ МАДАД - ТОҶИКИСТОН

BHR Идораи ҳуқуқи Инсон ва Риояи Қонуният

# ТАВСИЯҲО ДАР МАВРИДИ ҲИФЗИ КОМПЮТЕР, ИТТИЛООТ ВА МАЪЛУМОТИ КОРБАРӢ (АККАУНТ)

## 1. Ҳимоя аз дастрасии воқеӣ ба компютер



a. Bios
   i. Қатъ (ғайрифаъол) намудани дигар воситаҳои истифода аз компютер, имкони ба кор шуруъ кардан танҳо аз тариқи диски сахт;
   ii. Муқаррар намудани гузарвожа (парол)-и вуруд ба Bios.

b. Насб кардани BitLocker[1] барои ҳимояи дискҳо;

c. Барои воридшавӣ ба Windows гузарвожа гузоштан, чудо кардани аккаунти мудир (администратор) аз аккаунти корбарон, ҳатто агар аз ин компютер фақат шумо истифода мебаред.

d. Агар аз компютер беш аз як нафар истифода мекунад, барои ҳар як истифодабаранда ба таври ҷудогона аккаунт сохтан зарур аст. Агар ба ғайри аз корбарони доимӣ боз меҳмонон ҳам истифода мебаранд, кушодани аккаунти “Меҳмон” лозим аст.

e. Агар аз назди компютер дур мешавед, ё ба дигар кас ба мӯҳлати кутоҳ имкони дар он кор кардан медиҳед, функсияи масдуд кардани аккаунтро тавассути тугмаҳои (клавиша) Win+L ба кор баред. Ин имкон медиҳад, ки барномаҳои кушода ва файлҳоятонро маҳкам накарда, ба дигарон имкони бо дигар аккаунтҳо кор карданро диҳед.

## 2.Ҳифзи иттилоот дар компютер



a. Иттилоотро танҳо дар чорчӯбаи аккаунт ҳифз намоед. Иттилооти дар дигар дискҳо ҳифзшуда, метавонад барои дигар аккаунтҳо дастрас бошад.

b. Ҳадди ақал ду нусхаи иловагии маълумотро дар дигар махзани иттилоот берун аз компютер нигоҳ доред (масалан, дар диски алоҳида ё махзанҳои абрӣ).

c. Агар намехоҳед, ки маълумоти ҳассосатон ягон вақт дар оянда дар интернет ба дасти одамони бегона афтанд, онҳоро дар шакли рақамӣ нигоҳ надоред.

d. Гузинаҳо (версия) ва нусхаҳои маълумотро назорат намоед. Роҳат будани истифодаи маълумот ва тахти ҳимоя қарор доштани маълумотро танзим намоед.

## 3.Ҳифзи низомҳои амалиётӣ ва барномаҳои татбиқӣ

a. Аз гузинаҳои дуздидашудаи “калидҳо” барои маводи барномавӣ истифода набаред. Аксари чунин калидҳо дар Интернет бо вирус захролуданд, агар шумо дар компютератон ҳимояи зиддивирусии боэътимод надоред, кушиш намоед, ки аз истифодаашон худдорӣ намоед.

[1] BitLocker (номи дақиқаш- BitLocker Drive Encryption) — ин технологияи рамзгузории мундариҷаи дискҳои компютерист. Аз коркардҳои ширкати Microsoft аст, ки нахустин бор дар Windows Vista ба кор бурда шудааст

b. Азнавкунии барномаҳоро доимо амалӣ намоед, зеро онҳо ба ғайр аз доштани имконоти нав боз шомили рамзҳое барои бартараф намудани осебпазириҳо дар маҳсулоти барномавӣ ҳастанд.

c. Барои ҳимояи компютер ва пуррагии маълумотҳоятон ҳамеша барномаҳои зиддивирусиро истифода намоед.

d. Аз сарчашмаҳои номаълуми интернетӣ барномаҳоро нагиред.



## 4. Ҳимояи компютери шумо дар шабака

a. Истифодаи Интернет дар ҷойи кор:
   i. Ба он боварӣ ҳосил намоед, ки дар папкаҳо ва дискҳои шумо функсияи “дастрасӣ ба ҳама” фаъол нест, дарстрасиҳоро танҳо дар зарурат кушоед ва пас аз анҷоми кор онҳоро нофаъол кунед. Дастрас бадани папкаҳо ва дискоҳоро метавон дар қисмати менюи “Шабака” дар Windows Explorer тафтиш намуд.
   ii. Танзимоти тавсияшудаи Брандмауэрро (Фаервол) дар Windows истифода баред. Онро метавон тавассути меню дар Панели абзорҳо тафтиш кард.
   iii. Агар шумо гузарвохаи шабакаи маҳаллии ташкилотро медонед, онро барои шахсони дигар ва меҳмонон надиҳед.
   iv. Агар дар ташкилот дастрасӣ барои меҳмонон ба Интернет вуҷуд дорад, онро барояшон пешниҳод кунед. Агар чунин дастрасӣ қаблан набуд, пешниҳод намоед, ки дастрасии кормандон ва меҳмонон алоҳида бошанд

b. Истифодаи интернет дар шабакаҳои дастраси омма:
   i. Пеш аз истифода аз шабакаҳои дастрасии оммавӣ итминон ҳосил намоед, ки Брандмауэри шумо фаъол ва дорои танзимоти тавсияшуда аст.
   ii. Зоҳир шудани компютератонро дар шабакаҳои оммавӣ ва “дастрасӣ ба ҳама”-ро дар тамомои папкаҳо ва дискҳоятон ғайрифаъол намоед.

## 5. Ҳимояи почтаи электронӣ ва дигар аккаунтҳо ва дар сарчашмаҳои интернетӣ;

a. Ҳангоми истифода аз сарчашмаҳои интернетӣ ба хотири ҳимояи аккаунтҳоятон аз бадхоҳон ба дуруст навиштани суроға эътибор диҳед. Масалан, facebook.com ё fasebook.com.

b. Боварӣ ҳосил намоед, ки дар аккаунтҳои гуногун гузарвожаҳои мухталиф истифода мешаванд ва кушиш кунед, ки онҳоро ҳар 2-3 моҳ иваз намоед

c. Дар варақ ва китобчаи ёддоштҳо гузарвожаҳоро нанависед

d. Дар сурати имконпазир будан аз тасдиқи дусатҳаи шахсият (двухфакторная аутентификация) истифода намоед. Дар бораи имкониятҳои он дар сарчашмаҳои онлайнӣ метавон дар қисмати “Ёрӣ” – и ҳамаи сарчашмаҳои аз ҷониби шумо истифодашаванда қироат намуд.

